Лоиҳаи Низомномаи тартиб ва шартҳои гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмурӣ барои баррасӣ пешниҳод карда мешавад

Бо мақсади такмил ва ба шароити имрӯза мувофиқ гардонидани расмиёти арзёбии натиҷаҳои фаъолият оид ба иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ, муайян намудани сатҳи донишҳои касбӣ ва қобилияти кории хизматчии давлатӣ дар мансаби ишғолнамуда, аз ҷониби Агентии хизмати давлатӣ лоиҳаи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Низомномаи тартиб ва шартҳои гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмурӣ» ва лоиҳаи Низомномаи мазкур мувофиқи моддаи 20 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва моддаи 56 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» таҳия карда шуда, дар сомонаи Агентии хизмати давлатй бо нишонии www.ahd.tj ҷойгир карда шудааст.

Аз қабули варианти қаблии санади мазкур муҳлати тӯлонӣ сипарӣ гашта, дар ин давра дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи технологияҳои кадрӣ (озмун барои ишғоли мансабҳои холии хизмати давлатӣ, баҳодиҳии фаъолияти хизматчиёни давлатӣ, ҷойивазкунии ҳайати роҳбарикунандаи хизмати давлатӣ ва ғайраҳо) дар таҳрири нав қабул ва ё такмил дода шудаанд.

Дар робита ба ин тибқи талаботи қисми 1 моддаи 56 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» лоиҳа дар таҳрири нав таҳия карда шудааст.

Лоиҳаи мазкур аз 28 ноябри соли 2023, №03-2147 ба вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои баррасӣ ирсол карда шудааст.

Ҳамзамон лоиҳаи мазкур мувофиқи қисми 2 моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» барои баррасии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии манфиатдор дигар мақомоти давлатӣ, хизматчиёни давлатӣ дар сомонаи расмии Агентии хизмати давлатӣ дар қисми «Китобхона»-и Агентии хизмати давлатӣ дар саҳифаи «Лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ҷойгир карда шудааст.

Хоҳишмандон метавононд таклифу пешниҳодҳои худро дар шакли электронӣ тавассути почтаи электронии 03-@ahd.tj ё дар шакли хаттӣ ба Агентии хизмати давлатӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33 пешниҳод намоянд.

Агентии хизмати давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**АГЕНТИИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТИИ**
**НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
734003, шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир-33, тел./факс: (99237) 2211249; 2248981; 2240274
Сомона: www.ahd.tj, почтаи электронӣ: info06-@ahd.tj

**№ 03-2147 аз « 28 » ноябри соли 2023**

**Ба №_________ аз «____» ______________соли 20**

Мақомоти давлатӣ
(тибқи рӯйхат)

Мавзуъ: Оид ба баррасии иловагии лоиҳаи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Низомномаи тартиб ва шартҳои гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмурӣ»

Бо арзи эҳтиром иттилоъ медиҳем, ки аз ҷониби Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Низомномаи тартиб ва шартҳои гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмурӣ» таҳия карда шудааст.

Лоиҳаи мазкур се маротиба аз 23 ноябри соли 2020, №03-2423, аз 22 сентябри соли 2022, №03-1957 ва аз 5 июни соли 2023, №03-1078 ба мақомоти давлатӣ барои мувофиқа пешниҳод шудааст.

Санади мазкур баъд аз мувофиқа аз 28 сентябри соли 2023, №03-1752 ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол карда шуда, бо назардошти мавқеи гуногуни вазорату идораҳо оид ба баъзе меъёрҳои лоиҳа он аз 9 октябри соли 2023, №595(21) барои такмил ба Агентии хизмати давлатӣ баргардонида шуд.

Минбаъд лоиҳаи мазкур дар ҷаласаи корӣ бо иштироки намояндагони вазорату идораҳои дахлдор санаи 7 ноябри соли 2023 такроран мавриди муҳокима қарор дода шуд.

Бо назардошти асосҳои зикргардида лоиҳаи такмилдодашуда аз нав барои баррасӣ ба Шумо ва барои экспертизаи зиддикоррупсионӣ ба Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия пешниҳод карда мешавад.

Замима: Лоиҳаи такмилдодашуда бо забонҳои тоҷикию русӣ ва асоснокунии он дар 37 саҳифа.

Бо эҳтиром,
директори Агентӣ — Давлатов Ҷ.М.

Асосноккунии
лоиҳаи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Низомномаи тартиб ва шартҳои гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмурӣ»

Лоиҳаи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Низомномаи тартиб ва шартҳои гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмурӣ» вобаста ба татбиқи моддаи 20 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», талаботи банди 55 Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки зимни вохӯрӣ бо кормандони мақомоти молия, андоз, гумрук, сармоягузорӣ ва бонкҳо 10 майи соли 2019 баён доштанд (20 июни соли 2019 аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст) ва мувофиқи моддаи 57 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз ҷониби Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади такмил ва ба шароити имрӯза мувофиқ гардонидани расмиёти арзёбии натиҷаҳои фаъолият дар мансаби ишғолнамуда оид ба иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ, муайян намудани сатҳи донишҳои касбӣ ва қобилияти кории хизматчии давлатӣ таҳия гардидааст.

Ҳоло аттестатсияи хизматчиёни давлатӣ мувофиқи Низомномаи тартиб ва шартҳои гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмурӣ, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 майи соли 2008, №468 тасдиқ карда шудааст, амалӣ карда мешавад.

Аз қабули санади мазкур муҳлати тӯлонӣ сипарӣ гашта, дар ин давра дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи технологияҳои кадрӣ (озмун барои ишғоли мансабҳои холии хизмати давлатӣ, баҳодиҳии фаъолияти хизматчиёни давлатӣ, ҷойивазкунии ҳайати роҳбарикунандаи хизмати давлатӣ ва ғайраҳо) дар таҳрири нав қабул ва ё такмил дода шудаанд.

Бо мақсади таъмини мувофиқати байни ин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ба шароити кунунӣ мувофиқ намудани расмиёти баргузории аттестатсия зарурати такмили Низомномаи мазкур тақозо карда мешавад.

Бинобар ҷорӣ гардидани баҳогузории ҳарсолаи хизматчиёни давлатӣ дар лоиҳаи мазкур мӯҳлати баргузории аттестатсияҳои навбатӣ 5 сол (қаблан 3 сол) муқаррар гардида, вазифаҳо ва принсипҳои аттестатсияи хизматчиёни давлатӣ мушаххас гардонида шудааст.

Ҳамчунин ҳолати ба аттестатсия ҷалб гардидани хизматчиёни давлатие, ки бо сабабҳои гуногун дар аттестатсияҳои навбатӣ иштирок карда наметавонанд, такмил дода шуда, вобаста ба ҷалби иловагии онҳо ба аттестатсия дар лоиҳаи мазкур меъёр пешбинӣ карда шудааст.

Дар лоиҳа истифодаи сабти рафти баргузории аттестатсия тавассути таҷҳизоти техникӣ ва дар протоколҳои натиҷаҳои аттестатсия қайд кардани ин раванд пешбинӣ гардидааст.

Ҳамчунин дар лоиҳаи мазкур боз дигар тағйиру иловаҳо низ пешниҳод карда шудаанд.

Бинобар ҷиддан тағйир ёфтан ва аз нисф зиёди бандҳои санади қаблиро фаро гирифтани тағйиру иловаҳо лоиҳаи Низомномаи тартиб ва шартҳои гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмурӣ дар таҳрири нав таҳия карда шуда, он бо талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ва қоидаҳои имлои забони давлатӣ мувофиқ карда шудааст.

Аз ҷониби Агентии хизмати давлатӣ лоиҳаи мазкур се маротиба аз 23 ноябри соли 2020, №03-2423, аз 22 сентябри соли 2022, №03-1957 ва аз 5 июни соли 2023, №03-1078 ба мақомоти давлатӣ барои мувофиқа пешниҳод гардида буд.

Баъд аз мувофиқа лоиҳаи мазкур аз 28 сентябри соли 2023, №03-1752 ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол карда шуда, аз 9 октябри соли 2023, №595(21) боназардошти мавқеи гуногуни вазорату идораҳо оид ба баъзе меъёрҳои лоиҳа барои такмил ба Агентии хизмати давлатӣ баргардонида шуд.

Дар робита ба ин лоиҳаи мазкур дар ҷаласаи корӣ бо иштироки намояндагони вазорату идораҳои дахлдор санаи 7 ноябри соли 2023 такроран мавриди муҳокима қарор дода шуд.

Баъди муҳокимаи масъала бо пешниҳоди Вазорати адлия аз ҷумлаи дуюми банди 14 лоиҳаи Низомнома калимаҳои «сохторҳои мақомоти давлатӣ ва» хориҷ карда шуд, яъне намояндаи сохторҳои маҳаллие, ки аттестатсияи онҳо дар мақомоти марказӣ баргузор

карда мешавад, ба ҳайати комиссияи аттестатсионӣ ворид карда намешавад.

Аз банди 18 лоиҳа ҷумлаи дуюм «Аттестатсияи хизматчиёни давлатӣ бе иштироки намояндаи мақоми ваколатдори давлатӣ гузаронида намешавад» хориҷ карда шуд.

Дар ҷумлаи якуми банди 32 калимаи «гузориши» ба калимаи «гузориш» иваз карда шуда, калимаҳои «котиби комиссияи аттестатсионӣ ё роҳбари воҳиди сохториро» хориҷ карда шуданд.

Аз банди 41 сархати сеюм ва аз банди 46 сархати шашум ифодаҳои «-аз мансаб озод намудан» хориҷ карда шуданд, яъне минбаъд хизматчиёни давлатии ба мансаб номувофиқ донисташуда бо тавсияи комиссияи аттестатсионӣ барои аз мансаб озод намудан тавсия дода намешаванд.

Дар банди 48 калимаҳои «як соли» ба калимаҳои «шаш моҳи» иваз карда шуда, калимаҳои «бо иштироки ҳатмии роҳбари мақоми давлатӣ ва/ё яке аз муовинони ӯ, намояндаи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва намояндаи мақоми ваколатдори давлатӣ» хориҷ карда шуданд.

Аз банди 50 лоиҳа ҷумлаи дуюм бо мазмуни «Чунин шахсон минбаъд ҳуқуқи бо тартиби умумӣ дар озмунҳо барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии категорияи пасттар (ишғолкунандагони мансабҳои категорияҳои ҳафтум барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии категорияи ҳафтум)-ро нигоҳ медоранд» хориҷ карда шуданд, яъне монеаи манъи иштироки хизматчии давлатии ба мансаб номувофиқ донисташуда дар озмуни минбаъда барои ишғоли мансабҳои баробар ё баландтар хориҷ карда шуд.

Ҳамчунин бо пешниҳоди дигари Вазорати адлия банди 51 лоиҳа вобаста ба манъи иштироки хизматчиёни давлатӣ ба мансаби паст таъинкардашуда ҷиҳати иштирок дар озмунҳо барои ишғоли мансабҳои баландтар (то гузаштан аз аттестатсияи навбатӣ) хориҷ карда шуда, ба ҷои он банди нав бо мазмуни «Хизматчии давлатии ба такмили ихтисос, азнавтайёркунӣ тавсиягардида, танҳо баъди гузаштан аз аттестатсияи такрорӣ ҳуқуқ пайдо мекунад, ки дар озмунҳои ҳамин мақомоти давлатӣ барои ишғоли мансабҳои баландтари холии маъмурии хизмати давлатӣ иштирок намояд ё ба

мансабҳои баландтар бо истифодаи дигар технологияҳои кадрӣ таъин карда шавад.» илова карда шуд.

Дар як вақт пешниҳодҳои Вазорати адлия вобаста ба бандҳои 12 ва 20 лоиҳа бо асосҳои зерин ба инобат гирифта нашуданд.

Мувофиқи бандҳои 11 ва 12 ҳайати комиссияи аттестатсионии мақомоти давлатӣ аз рӯи мансаб таъсис дода шуда, намояндаи Агентии хизмати давлатӣ ҳамчун намояндаи мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ ба ҳайати он ворид карда мешавад.

Муқаррароти банди 20 аз мазмуни банди 19 Низомномаи тартиб ва шартҳои гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмурии амалкунанда бармеояд. Дар банди 19 Низомномаи амалкунанда низ ҷадвал бо сана, вақт ва ҷойи гузаронидани аттестатсия, руйхати аттестатсияшавандагон пешбинӣ шуда, дар он ному насаб ва мансаби ишғолнамудаи аттестатсияшавандагон нишон дода шудааст. Дар хадамоти кадрии мақомоти давлатӣ чунин ҷадвали назоратӣ барои таҳлили атестатсияҳои хизматчиёни давлатӣ бояд ҳамасола тартиб дода шавад. Ҷадвали пешбининамудаи банди 20 лоиҳаи мазкур барои аъзои комиссияи аттестатсионӣ ҳамчун ҳуҷҷати иттилоотӣ ва назоратӣ дар бораи аттестатсияшаванда маълумоти зарурӣ пешниҳод мекунад. Ҳамчунин ҷадвали мазкур бо мақсади дар шакли ягона дар тамоми мақомоти давлатӣ тартиб додан пешбинӣ гардидааст. Бо истифода аз ҷадвали мазкур барои аъзои комиссияи аттестатсионӣ зарурати ҷустуҷӯи маълумотҳои дахлдор аз парвандаи шахсӣ аз байн меравад ва вақти корӣ низ сарфа мегардад.

Ба ғайр аз ин тартиб додани ҷадвали баргузории аттестатсия аз талаботи банди 19 лоиҳаи Низомномаи мазкур бармеояд ва пешбинӣ накардани ҷузъиёти он (дар банди 20) боиси тартиб додани ҷадвали мазкур дар шаклҳои гуногун мегардад.

Пешниҳоди Вазорати корҳои хориҷӣ дар хусуси дар банди 8 лоиҳа иваз намудани калимаҳо ва рақами «зиёда аз 25 сол» ба калимаҳо ва рақами «зиёда аз 20 сол», яъне аз аттестатсия озод намудани хизматчиёни давлатие, ки зиёда аз 20 сол собиқаи хизмати давлатӣ доранд, ба инобат гирифта шуда, дар банди 29 лоиҳа ҷумлаи нав «Дар ҳолатҳои зарурӣ мумкин аст, ки аттестатсияи

хизматчиёни давлатии дар хориҷи кишвар ва ё шаҳру ноҳияҳои дурдасти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолиятдошта бо тартиби фосилавӣ (онлайн) гузаронида шавад» илова карда шуд.

Дар як вақт пешниҳоди дигари Вазорати корҳои хориҷӣ дар бораи аз аттестатсия озод намудани шахсоне, ки дар мансабҳои сафир ва намояндаи доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа фаъолият карда, минбаъд ба мансабҳои пасттари аттестатсияшаванда таъин карда шуданд, бо назардошти эҳтимоли ба мансабҳои баландтари қаблӣ таъин шудан ва шахсоне, ки ба мукофотҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфароз гардонида шудаанд, бо назардошти хусусияти идоравӣ доштан, ҷузъӣ будани пешниҳод, ҷорӣ шудани таҷрибаи озод намудани дигар хизматчиёни давлатӣ бо ин ё он асоси монанд ба инобат гирифта нашуданд.

Бо назардошти пешниҳодҳои Вазорати молия аз банди 18 лоиҳа ҷумлаи дуюм, дар банди 46 калимаҳои «қарори протоколии» ба калимаи «протоколи» ва рақами «5» ба рақами «10» иваз ва аз банди 50 ҷумлаи дуюм хориҷ карда шуд.

Ҳамчун дар банди 49 лоиҳа калимаҳои «мувофиқи банди 39 Низомномаи мазкур» илова карда шуданд.

Бо назардошти асосҳои зикргардида лоиҳаи такмилдодашуда аз нав ба баррасии мақомоти давлатии дахлдор пешниҳод карда мешавад.

Агентии хизмати давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Лоиҳаи

# ФАРМОНИ
# ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## Дар бораи Низомномаи тартиб ва шартҳои гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмурӣ

Мутобиқи моддаи 20 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва моддаи 57 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ф а р м о н   м е д и ҳ а м:

1.Низомномаи тартиб ва шартҳои гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмурӣ тасдиқ карда шавад (замима карда мешавад).

2.Роҳбарони мақомоти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот иҷрои Низомномаи мазкурро таъмин намоянд.

3.Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 майи соли 2008, №468 «Дар бораи Низомномаи тартиб ва шартҳои гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмурӣ» аз эътибор соқит дониста шавад.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Замима
ба фармони Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «__»______ соли 2023, № ____

# НИЗОМНОМАИ
## тартиб ва шартҳои гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмурӣ

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.Низомномаи тартиб ва шартҳои гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмурӣ (минбаъд-Низомнома) қоидаҳои гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмурии мақомоти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (минбаъд - мақомоти давлатӣ)-ро танзим менамояд.

2.Аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмурӣ (минбаъд-аттестатсияи хизматчиёни давлатӣ) ин тартиби муайян намудани мувофиқати хизматчии давлатии маъмурӣ ба мансаби ишғолнамуда бо роҳи баҳодиҳӣ ба иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ, сатҳи донишҳо, омодагии касбӣ ва қобилияти корӣ буда, бо мақсади тақвияти сифат ва самаранокии фаъолияти хизматчиёни давлатӣ ва мақомоти давлатӣ гузаронида мешавад.

3.Вазифаҳои аттестатсияи хизматчиёни давлатӣ инҳо мебошанд:

-баланд бардоштани масъулияти хизматчиёни давлатӣ ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ;

-ҳавасмандгардонии хизматчиёни давлатӣ аз натиҷаи аттестатсия;

-пешбинӣ намудани чораҳо оид ба такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ.

4.Принсипҳои асосии аттестатсияи хизматчиёни давлатӣ инҳо мебошанд:

-ошкоро гузаронидани аттестатсия;

-эҳтироми тарафайн (аттестатсияшаванда ва аъзои комиссияи аттестатсионӣ) ҳангоми гузаронидани аттестатсия;

-баҳодиҳии беғаразона, воқеъбинона ва маҷмӯии аттестатсияшаванда;

-асоснокии хулосаҳо ва тавсияҳои комиссияи аттестатсионӣ;

-таъсирбахшӣ (ҳатмӣ будан)-и натиҷаҳои аттестатсия.

5.Роҳбарии методӣ ва назорати рафти гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатиро мақоми ваколатдори давлатии соҳаи хизмати давлатӣ (минбаъд - мақоми ваколатдори давлатӣ) амалӣ менамояд.

6.Аттестатсияи хизматчиёни давлатӣ баъди як соли фаъолият дар мансаби ишғолнамуда (қабул ба хизмати давлатӣ, барқарор намудан дар мансаб,

гузариш ба мансаби дигар) ва минбаъд баъди панҷ соли фаъолият дар мансаб як маротиба гузаронида мешавад.

7.Занони дар рухсатии ҳомиладорӣ ва таваллуд, инчунин дар рухсатӣ барои нигоҳубини кӯдакбуда, баъди як соли кор дар мансаби ишғолнамуда аттестатсия карда мешаванд.

8.Хизматчиёни давлатии сиёсӣ, хизматчиёни давлатии маъмурии категорияи олӣ, хизматчиёни давлатии ба синни 60 (барои мардҳо) ва 55 (барои занҳо) расида ва хизматчиёни давлатие, ки зиёда аз 20 сол дар хизмати давлатӣ фаъолият кардаанд, агар дар қонунгузории соҳавӣ тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, ба аттестатсия ҷалб карда намешаванд.

9.Аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронидани аттестатсияи ғайринавбатии хизматчиёни давлатӣ новобаста аз муҳлатҳои дар бандҳои 6-8 Низомномаи мазкур пешбинишуда таъин карда мешавад, ки он ҳам тибқи тартиби муқаррарнамудаи ҳамин Низомнома гузаронида мешавад. Ҳангоми таъини аттестатсияи ғайринавбатӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба комиссияи аттестатсионӣ ваколатҳои иловагиро вогузор карда метавонанд.

10.Аттестатсияи хизматчиёни давлатии ҳарбӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бо тартиби муайяннамудаи қонунгузории соҳавӣ амалӣ карда мешавад. Агар дар қонунгузории соҳавӣ гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатии ҳарбӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ танзим нагардида бошад, аттестатсияи онҳо тибқи Низомномаи мазкур амалӣ карда мешавад.

## 2. КОМИССИЯИ АТТЕСТАТСИОНӢ

11.Комиссияи аттестатсионии мақомоти давлатӣ (минбаъд-комиссияи аттестатсионӣ) бо фармоиш (қарор, амр)-и роҳбари мақоми давлатӣ дар ҳайати раис, муовини раис, котиб ва аъзои комиссияи аттестатсионӣ иборат аз 5 то 9 нафар аз рӯйи мансаб таъсис дода шуда, доимоамалкунанда мебошад. Котиби комиссияи аттестатсионӣ ҳуқуқи баҳодиҳии аттестатсияшавандагонро надорад. Роҳбари мақоми давлатӣ ҳангоми зарурат метавонад бо фармоиш (қарор, амр)-и худ тибқи тартиби муқарраргардида ба ҳайати комиссияи аттестатсионӣ тағйирот ворид намояд. Ҳангоми бо дастури Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ё Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин гардидани аттестатсия, комиссияи аттестатсионӣ аз тарафи ҳамин мақомот таъсис дода мешавад ё аттестатсия ба воситаи комиссияи аттестатсионии мақомоти давлатӣ гузаронида мешавад.

12.Ба ҳайати комиссияи аттестатсионӣ роҳбари мақоми давлатӣ (ё муовини ӯ), намояндагони воҳидҳои сохтории кадрӣ, ҳуқуқӣ, иттифоқи касаба, ташкилотҳои соҳавӣ ва мақоми ваколатдори давлатӣ ворид карда мешаванд. Ба комиссияи аттестатсионӣ роҳбари мақоми давлатӣ (ё муовини ӯ, дар ҳолати дар ҳайати комиссияи аттестатсионӣ ворид нагардидани роҳбари мақоми давлатӣ) раисӣ менамояд. Намояндаи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад дар кори комиссияи аттестатсионии мақомоти давлатӣ бо ҳуқуқи баҳодиҳӣ иштирок намояд.

13.Дар сурати бо сабабҳои узрнок дар аттестатсия иштирок надоштани раиси комиссияи аттестатсионӣ иҷрои вазифаҳои ӯ ба зиммаи муовини раиси комиссияи аттестатсионӣ вогузор карда мешаванд.

14.Аттестатсияи хизматчиёни давлатии сохторҳои мақомоти давлатӣ, ки таъини онҳо аз тарафи роҳбарони ҳамин сохторҳо амалӣ карда мешавад (минбаъд – сохторҳои мақомоти давлатӣ) ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ки шумораи хизматчиёни давлатиашон то 15 нафарро ташкил медиҳад, мувофиқан дар мақомоти давлатии марказӣ ё мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии дахлдор гузаронида мешавад. Намояндаи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ба ҳайати комиссияи аттестатсионӣ ҳангоми аттестатсияи хизматчиёни давлатии дахлдор дохил карда мешавад.

15.Ба ҳайати комиссияи аттестатсионии сохторҳои мақомоти давлатӣ, ки таъини кормандони онҳо аз тарафи роҳбарони ҳамин сохторҳо амалӣ карда мешавад ва шумораи хизматчиёни давлатиашон зиёда аз 15 нафарро ташкил медиҳад, мувофиқан намояндаи мақомоти давлатии марказӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии дахлдор ворид карда мешаванд.

16.Аъзои комиссияи аттестатсионӣ ҳангоми баҳодиҳии фаъолияти хизматчии давлатӣ, додани хулосаҳо ва тавсияҳо мустақил мебошанд. Комиссияи аттестатсионӣ дар вақти амалӣ намудани фаъолияти худ набояд барои пайдо шудани ихтилофҳо шароит фароҳам биёрад.

17.Фаъолияти комиссияи аттестатсионӣ ҳамон вақт босалоҳият ҳисоб мешавад, ки агар дар кори он аз се ду ҳиссаи аъзои комиссия иштирок дошта бошад.

18.Иштироки намояндаи мақоми ваколатдори давлатӣ дар рафти гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатии ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ё иштироки намояндаи сохторҳои маҳаллии он дар рафти гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатии ҳудуди дахлдор бо ҳуқуқи баҳодиҳӣ ҳатмӣ мебошад.

## 3.ТАРТИБИ ТАШКИЛИ АТТЕСТАТСИЯ

19.Аттестатсияи хизматчиёни давлатӣ дар асоси фармоиш (қарор, амр)-и роҳбари мақоми давлатӣ баргузор мегардад. Бо фармоиш (қарор, амр)-и мазкур сана ва маҳалли баргузории аттестатсия нишон дода шуда, ҷадвали баргузории аттестатсияи хизматчиёни давлатӣ тасдиқ карда мешавад.

20.Дар ҷадвали баргузории аттестатсияи хизматчиёни давлатӣ маълумотҳо оид ба сана ва ҷойи гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатӣ, насаб, ном ва номи падари аттестатсияшавандагон, рӯз, моҳ, соли таваллуд, таҳсилот, ихтисос, собиқаи кории умумӣ ва хизмати давлатӣ, мансаби ишғолнамуда, санаи таъин шудан ба мансаб, рутбаи тахассусӣ ва санаи гузаштан аз аттестатсияи охирон нишон дода мешаванд.

21.Хизматчиёни давлатии аттестатсияшаванда на дертар аз ду ҳафта пеш аз гузаронидани аттестатсия хабардор карда мешаванд. Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақоми ваколатдори давлатӣ ё сохтори маҳаллии дахлдори он на дертар аз се рӯзи корӣ пеш аз гузаронидани аттестатсия ҷиҳати таъмини намоянда ба таври хаттӣ хабардор карда мешаванд.

22.Дар ҳолати бо сабаби узрнок тағйир ёфтани санаи гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатӣ бо фармоиш (қарор, амр)-и роҳбари мақоми давлатӣ аттестатсия ба вақти дигар гузаронида шуда, дар ин хусус Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақоми ваколатдори давлатӣ, сохтори маҳаллии дахлдори он ва аттестатсияшавандагон хабардор карда мешаванд.

23.Роҳбарони воҳидҳои сохторӣ барои ҳар як корманди тобеъ, ки ба аттестатсия фаро гирифта мешавад, тавсифномаи хизматӣ (замимаи 1) таҳия ва хизматчии давлатиро шинос намуда, онро на дертар аз даҳ рӯз то баргузории аттестатсия ба хадамоти кадрии мақомоти давлатӣ пешниҳод менамоянд. Тавсифномаи хизматии роҳбарони воҳидҳои сохторӣ аз тарафи роҳбарони бевоситаи онҳо (минбаъд-роҳбари воҳиди сохторӣ) бо ҳамин тартиб таҳия карда мешавад.

24.Дар тавсифномаи хизматӣ масъалаҳои зерини фаъолияти хизматчии давлатӣ нишон дода мешаванд:

-сатҳи донистани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва барномавӣ, ки уҳдадориҳои мансабии хизматчии давлатиро ба танзим медароранд ва иҷрои онҳо;

-донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ;

-иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ (пуррагӣ ва сифатнокии натиҷаи кори хизматчии давлатӣ, натиҷаҳои баҳодиҳии фаъолияти хизматчии давлатӣ дар давраи баъди аттестатсияи гузашта);

-такмили ихтисос, худтакмилдиҳӣ ва татбиқи технологияҳои иттилоотӣ (электронӣ) дар фаъолияти касбӣ;

-хислатҳои кории хизматчии давлатӣ (доштани малакаи роҳбарӣ, ташаббускорӣ, донистани забонҳои хориҷӣ, бартариҳои дигари корӣ, фаъолияти ҷамъиятӣ ва ғайраҳо).

25.Тавсифномаи хизматӣ мувофиқи ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда ва мушоҳидаи роҳбари воҳиди сохторӣ тартиб дода мешавад. Ҳолати иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ бо ҳисоботҳои натиҷаҳои фаъолияти солонаи хизматчии давлатӣ асоснок карда шуда, дар он натиҷаҳои баҳодиҳии фаъолияти хизматчии давлатӣ аз давраи баъди аттестатсияи гузашта (ҳар сол дар алоҳидагӣ) нишон дода мешавад.

26.Роҳбари воҳиди сохторӣ барои воқеӣ ва холисона тартиб додани тавсифномаи хизматии аттестатсияшаванда масъулияти шахсӣ дорад ва уҳдадор аст, ки ӯро бо тавсифномаи хизматӣ шинос намояд.

27.Аттестатсияшаванда метавонад ба комиссияи аттестатсионӣ маълумоти иловагиро дар бораи фаъолияти касбиаш пешниҳод кунад. Ҳамзамон ӯ ҳуқуқ дорад норозигии худро нисбат ба тавсифномаи хизматӣ ба комиссияи аттестатсионӣ изҳор ва гузаронидани омӯзиши иловагии фаъолияти хизматии худро дархост намояд. Дархости ӯ аз тарафи комиссияи аттестатсионӣ дар давраи баргузории аттестатсия баррасӣ карда мешавад.

28.Ба аттестатсия дар навбати аввал роҳбарони воҳидҳои сохторӣ ва баъд хизматчиёни давлатии тобеи онҳо ҷалб карда мешаванд. Роҳбари воҳиди сохторӣ ҳангоми зарурат дар вақти аз аттестатсия гузаштани хизматчии давлатии тобеъ иштирок мекунад ва тавсифномаи хизматии тартибдодаи худро тавзеҳ медиҳад.

## 4.БАРГУЗОРИИ АТТЕСТАТСИЯИ ХИЗМАТЧИЁНИ ДАВЛАТӢ

29.Аттестатсияи хизматчиёни давлатӣ бо иштироки аттестатсияшаванда дар рӯзи кории пешбининамудаи ҷадвали баргузории аттестатсия дар соатҳои корӣ доир карда мешавад. Дар ҳолатҳои зарурӣ мумкин аст, ки аттестатсияи хизматчиёни давлатии дар хориҷи кишвар ва ё шаҳру ноҳияҳои дурдасти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолиятдошта бо тартиби фосилавӣ (онлайн) гузаронида шавад.

30.Хизматчиёни давлатии аттестатсияшаванда, ки бо сабабҳои узрнок (рухсатии меҳнатӣ, сафари хизматӣ, беморӣ ва дигар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ) дар аттестатсия иштирок карда наметавонанд, тибқи ҷадвали иловагии баргузории аттестатсияи хизматчиёни давлатӣ бо тасдиқи роҳбари мақоми давлатӣ баъди бартараф шудани ҳолати узрнок бояд ба аттестатсия ҷалб карда шаванд.

31.Дар ҳолати бе сабабҳои узрнок ба аттестатсия ҳозир нашудани аттестатсияшаванда дар протоколи комиссияи аттестатсионӣ ба роҳбари мақоми давлатӣ оид ба гузаронидани санҷиши хизматӣ ва қабули қарор масъалагузорӣ карда мешавад.

32.Комиссияи аттестатсионӣ аввал гузориш оид ба шарҳи тавсифномаи хизматии аттестатсияшавандаро шунида, сипас бо аттестатсияшаванда тибқи бандҳои Варақаи баҳодиҳии хизматчии давлатӣ дар аттестатсия (замимаи 2) дар шакли саволу ҷавоб суҳбат мегузаронад. Ҳар узви комиссияи аттестатсионӣ ҳуқуқ дорад ба аттестатсияшаванда савол диҳад ва уҳдадор аст ӯро баҳогузорӣ намояд. Саволҳои додашуда ва ҷавобҳои аттестатсияшаванда аз тарафи котиби комиссияи аттестатсионӣ дар Варақаи аттестатсионӣ (замимаи 3) мухтасар қайд карда мешаванд.

33.Ҳангоми ба талаботи тахассусии мансаби ишғолнамуда мувофиқат накардан, аттестатсияшаванда ба аттестатсия фаро гирифта нашуда, ба мансаби ишғолнамуда номувофиқ ҳисобида мешавад. Чунин шахсон бо риояи талаботи тахассусӣ ба мансабҳои баробар ва ё пасттар тавсия дода мешаванд. Дар ҳолати набудани мансаби холӣ аз мансаби ишғолнамуда озод карда мешаванд.

34.Дар рафти гузаронидани аттестатсия аз таҷҳизоти техникии сабти видеоӣ ё аудиоӣ истифода карда мешавад. Дар хусуси истифодаи таҷҳизоти техникии сабт аттестатсияшаванда огоҳ ва сабтҳо ба протокол замима карда мешаванд.

35.Баҳои аъзои комиссияи аттестатсионӣ аз 5 (аъло), 4 (хуб), 3 (қаноатбахш) ва 2 (ғайриқаноатбахш) иборат мебошад, ки дар ҳар як банди Варақаи баҳодиҳии хизматчии давлатӣ дар аттестатсия гузошта мешавад. Варақаи мазкур барои ҳар узви комиссияи аттестатсионӣ алоҳида тартиб дода шуда, аз тарафи аъзои комиссияи аттестатсионӣ имзо ва ба Варақаи аттестатсионӣ замима карда мешавад.

36.Аъзои комиссияи аттестатсионӣ ҳангоми аттестатсияи худ дар баҳодиҳӣ иштирок намекунанд.

37.Аз натиҷаи баҳои гузоштаи ҳар як аъзои комиссияи аттестатсионӣ баҳои умумии миёна муайян карда шуда, он дар Варақаи аттестатсионӣ нишон дода мешавад. Барои мувофиқати хизматчии давлатӣ ба мансаби ишғолнамуда баҳои умумии миёнаи ҳадди ақал 15,0 муқаррар карда мешавад.

38.Қарори комиссияи аттестатсионӣ оид ба баҳодиҳии фаъолияти хизматчии давлатӣ, муайян намудани баҳои умумии миёна, хулосаҳо ва тавсияҳои комиссияи аттестатсионӣ аз натиҷаи суҳбат дар ғоибии аттестатсияшаванда ва роҳбари воҳиди сохторӣ қабул карда мешавад.

39.Комиссияи аттестатсионӣ ба фаъолияти хизматчии давлатӣ хулосаи зерин медиҳад:

-ба мансаби ишғолнамудаи маъмурии хизмати давлатӣ мувофиқат мекунад;

-ба мансаби ишғолнамудаи маъмурии хизмати давлатӣ мувофиқат намекунад.

40.Комиссияи аттестатсионӣ ба хизматчии давлатии баҳои миёнаи умумии зиёда аз 20,0 гирифта чунин тавсияҳо медиҳад:

-бо риояи талаботи тахассусӣ таъин кардан ба мансаби як категория баландтар аз мансаби ишғолнамуда;

-бо риояи талаботи тахассусӣ дохил кардан ба захираи кадрҳои хизмати давлатӣ;

-пеш аз муҳлат додани рутбаи тахассусии навбатӣ ё аз категорияи мансаби ишғолкарда як дараҷа баланд додани рутбаи тахассусӣ.

41.Комиссияи аттестатсионӣ дар сурати ба мансаби ишғолнамуда номувофиқ донистани хизматчии давлатӣ (баҳои миёнаи умумии камтар аз 15,0) чунин тавсияҳо медиҳад:

-ба такмили ихтисос ва азнавтайёркунӣ фаро гирифтан;

-гузаронидан ба мансаби пасттари маъмурии хизмати давлатӣ (ба ғайр аз ишғолкунандагони мансабҳои категорияи ҳафтум).

42.Натиҷаҳои аттестатсия дар Варақаи аттестатсионӣ қайд карда шуда, аз ҷониби аъзои комиссияи аттестатсионии дар аттестатсияи хизматчии давлатӣ иштирокдошта имзо карда мешавад.

43.Аттестатсияшаванда аз натиҷаи аттестатсияи худ на дертар аз 3 рӯзи корӣ баъд аз ҷамъбасти аттестатсия хабардор ва бо Варақаи аттестатсионӣ шинос карда мешавад. Аттестатсияшаванда бо қайди «розӣ ҳастам» ё «розӣ нестам» ба Варақаи аттестатсионӣ имзо мегузорад. Қайди «розӣ нестам» бояд асоснок карда шавад.

44.Дар ҳолати аз имзои Варақаи аттестатсионӣ саркашӣ намудани аттестатсияшаванда, Варақаи аттестатсионӣ эътибори худро гум намекунад. Ҳолати саркашӣ намудан аз имзо бо қайди котиби комиссияи аттестатсионӣ дар Варақаи аттестатсионӣ нишон дода мешавад.

45.Протоколи комиссияи аттестатсионӣ ва варақаҳои аттестатсионӣ ба роҳбари мақомоти давлатӣ дар давоми 5 рӯзи корӣ аз рӯзи ҷамъбасти аттестатсия пешниҳод карда мешавад ва иҷрои тавсияҳои комиссияи аттестатсионӣ барои роҳбари мақомоти давлатӣ ҳатмӣ мебошад.

46.Роҳбари мақоми давлатӣ дар асоси протоколи комиссияи аттестатсионӣ на дертар аз 10 рӯзи корӣ нисбат ба хизматчии давлатӣ қарорҳои зеринро қабул мекунад:

-бо риояи талаботи тахассусӣ ва бо розигии хизматчии давлатӣ таъин кардан ба мансаби як категория баландтар аз мансаби ишғолнамуда;

-бо риояи талаботи тахассусӣ дохил кардан ба захираи кадрҳои хизмати давлатӣ;

-пеш аз муҳлат додани рутбаи тахассусии навбатӣ ё аз категорияи мансаби ишғолкарда як дараҷа баланд додани рутбаи тахассусӣ;

-ба такмили ихтисос ё азнавтайёркунӣ фаро гирифтан;

-гузаронидан ба мансаби пасттари маъмурии хизмати давлатӣ (ба ғайр аз ишғолкунандагони мансабҳои категорияи ҳафтум).

47.Дар ҳолати набудани мансаби холӣ ё розӣ набудани хизматчии давлатӣ барои гузаронидан ба мансаби пасттари маъмурии хизмати давлатӣ, ё розӣ набудан ба гузаштани такмили ихтисос ё азнавтайёркунӣ хизматчии давлатӣ аз мансаби ишғолнамуда озод карда мешавад.

48.Хизматчии давлатии ба такмили ихтисос, азнавтайёркунӣ тавсияшуда баъд аз шаш моҳи баргузории аттестатсияи навбатӣ ба аттестатсияи такрорӣ ҷалб карда мешавад.

49.Аттестатсияи такрорӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Низомномаи мазкур ва бо пешниҳоди тавсифномаи хизматии иловагӣ гузаронида мешавад. Ҳангоми аттестатсияи такрорӣ комиссияи аттестатсионӣ мувофиқи банди 39 Низомномаи мазкур танҳо хулоса медиҳад.

50.Ҳангоми такроран ба мансаби ишғолкардааш номувофиқ дониста шудани хизматчии давлатӣ, ӯ дар асоси хулосаи комиссияи аттестатсионӣ бо фармоиш (қарор, амр)-и роҳбари мақоми давлатӣ аз мансаби ишғолнамуда озод карда мешавад.

51.Хизматчии давлатии ба такмили ихтисос, азнавтайёркунӣ тавсиягардида, танҳо баъди гузаштан аз аттестатсияи такрорӣ ҳуқуқ пайдо мекунад, ки дар озмунҳои ҳамин мақомоти давлатӣ барои ишғоли мансабҳои холии баландтари маъмурии хизмати давлатӣ иштирок намояд ё ба мансабҳои баландтар бо истифодаи дигар технологияҳои кадрӣ таъин карда шавад.

52.Рафти аттестатсияи хизматчиёни давлатӣ аз тарафи котиби комиссияи аттестатсионӣ дар протокол сабт карда шуда, бо имзои раис, муовини раис, котиб ва аъзои комиссияи аттестатсионӣ тасдиқ карда мешавад (замимаи 4).

53.Дар протокол сана, ҷой, ҳайати комиссияи аттестатсионӣ, дигар шахсони дар аттестатсия иштироккунанда (роҳбари мақоми давлатӣ, намояндагони Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақоми ваколатдори давлатӣ, роҳбари воҳиди сохторӣ) ва натиҷаҳои аттестатсия (насаб, ном, номи падар, мансаби ишғолнамуда, баҳои умумии миёна, хулоса ва тавсияи комиссияи аттестатсионӣ) дар қисми қарори комисияи аттестатсионӣ дар шакли ҷадвал пешбинӣ карда мешаванд.

## 5.МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

54.Аттестатсияшаванда ҳуқуқ дорад аз қарори қабулнамудаи комиссияи аттестатсионӣ ба роҳбари мақоми давлатӣ, мақомоти болоӣ,

мақоми ваколатдори давлатӣ ва суд шикоят намуда, гузаронидани аттестатсияи такрориро талаб кунад.

55.Мақоми ваколатдори давлатӣ шикояти аттестатсияшавандаро нисбат ба қарори комиссияи аттестатсионӣ баррасӣ намуда:

-дар сурати ошкор шудани ҳолати риоя нагардидани талаботи Низомномаи мазкур ба роҳбари мақоми давлатӣ дар бораи бекор кардани қарори қабулшуда дар қисми дахлдор пешниҳод манзур менамояд;

-дар сурати тасдиқ нагардидани далелҳои шикоят ба мақоми давлатӣ ва аттестатсияшаванда хаттӣ хабар медиҳад.

56.Роҳбари мақоми давлатӣ ё бо супориши ӯ комиссияи аттестатсионӣ пешниҳоди мақоми ваколатдори давлатиро дар давоми на дертар аз даҳ рӯзи корӣ баррасӣ менамоянд. Роҳбари мақоми давлатӣ ё комиссияи аттестатсионӣ метавонанд қарори қабулшудаи худро бекор ва қарори нав (дар бораи гузаронидани аттестатсияи такрорӣ) қабул кунанд ё пешниҳоди мақоми ваколатдори давлатиро бо далелҳои асоснок рад намоянд.

57.Бекор кардани қарори қабулшуда аз тарафи комиссияи аттестатсионӣ барои бекор кардани қарори роҳбари мақоми давлатӣ ва қабули қарори нав (дар бораи гузаронидани аттестатсияи такрорӣ) асос мегардад. Дар чунин ҳолат аттестатсияи такрорӣ тибқи талаботи Низомномаи мазкур дар муҳлати на дертар аз даҳ рӯзи кории баъди бекор кардани қарори комиссияи аттестатсионӣ бо аттестатсияшавандагони дахлдор гузаронида мешавад.

58.Агар аз тарафи комиссияи аттестатсионӣ ва роҳбари мақоми давлатӣ қарорҳои қабулшуда бекор карда нашавад, мақоми ваколатдори давлатӣ ва аттестатсияшаванда ҳуқуқ доранд ба суд муроҷиат намоянд.

59.Натиҷаҳои аттестатсия дар давоми понздаҳ рӯзи кории баъди ҷамъбасти аттестатсия ба мақоми ваколатдори давлатӣ пешниҳод карда мешаванд.

60.Мақоми ваколатдори давлатӣ ҳар сол на дертар аз моҳи феврал оид ба натиҷаи аттестатсияи солонаи хизматчиёни давлатӣ ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ахбор пешниҳод менамояд.

Замимаи 1
ба Низомномаи тартиб ва шартҳои
гузаронидани аттестатсияи
хизматчиёни давлатии маъмурӣ

Тавсифномаи
хизматӣ ба хизматчии давлатии аттестатсияшаванда

Насаб, ном, номи падар______________________________
Мансаб______________________________
Сана ва асоси таъин шудан ба мансаб______________________________
1.Сатҳи донистани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва барномавӣ, ки ухдадориҳои мансабии хизматчии давлатиро ба танзим медароранд ва иҷрои онҳо ______________________________
______________________________
______________________________

2.Донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ______________________________
______________________________
______________________________
______________________________

3.Иҷрои ухдадориҳои мансабӣ (пуррагӣ ва сифатнокии натиҷаи кори хизматчии давлатӣ, натиҷаҳои баҳодиҳии фаъолияти хизматчии давлатӣ дар давраи баъди аттестатсияи охирин) ______________________________
______________________________
______________________________

4.Такмили ихтисос, худтакмилдиҳӣ ва татбиқи технологияҳои иттилоотӣ (электронӣ) дар фаъолияти касбӣ ______________________________
______________________________
______________________________

5.Хислатҳои кории хизматчии давлатӣ (доштани малакаи роҳбарӣ, ташаббускорӣ, донистани забонҳои хориҷӣ, бартариҳои дигари корӣ, фаъолияти ҷамъиятӣ ва ғайраҳо) ______________________________
______________________________
______________________________

Роҳбари воҳиди сохторӣ

______________ ______ ______________
(мансаби ишғолнамуда) (имзо) (насаб, сарҳарфҳои ном ва номи падар)

"_____"____________ соли 20__
(санаи тартиб додан)

Шинос шудам:
Аттестатсияшаванда ______ ______________
(имзо) (насаб, сарҳарфҳои ном ва номи падар)

"_____"__________ соли 20__
(санаи шинос шудан)

Удостоверяю
25/1/25 (АХД)

Замимаи 2
ба Низомномаи тартиб ва шартҳои
гузаронидани аттестатсияи
хизматчиёни давлатии маъмурӣ

## Варақаи
## баҳодиҳии хизматчии давлатӣ дар аттестатсия

Насаб, ном, номи падар________________________________________________
Мансаб_________________________________________________________________
Сана ва асоси таъин шудан ба мансаб_____________________________________

| Р/т | Нишондодҳо | Баҳо | Эзоҳ |
|---|---|---|---|
| 1 | Сатҳи донистани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва санадҳои барномавии танзимкунандаи соҳа | | |
| 2 | Донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ | | |
| 3 | Иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ (пуррагӣ ва сифатнокии натиҷаҳои кори хизматчии давлатӣ) | | |
| 4 | Такмили ихтисос, худтакмилдиҳӣ ва татбиқи технологияи иттилоотӣ (электронӣ) дар фаъолияти касбӣ | | |
| 5 | Қобилияти корӣ (доштани малакаи роҳбарӣ, ташаббускорӣ, донистани забонҳои хориҷӣ, бартариятҳои дигари корӣ, фаъолияти ҷамъиятӣ ва ғайраҳо). | | |
| 6 | Баҳои умумӣ | | |

Аъзои комиссияи
аттестатсионӣ ________________ ____________________________
(имзо) (насаб, сарҳарфҳои ном ва номи падар)

"____"________ соли 20__
(санаи баргузории аттестатсия)



ЦДоркеагеот
257/23 (АЛД)

Замимаи 3
ба Низомномаи тартиб ва шартҳои
гузаронидани аттестатсияи
хизматчиёни давлатии маъмурӣ

# ВАРАҚАИ АТТЕСТАТСИОНӢ

______________________________________________________________________
(насаб, ном, номи падари аттестатсияшаванда)

______________________________________________________________________
(мансаби ишғолнамуда ва ҷойи кор)

Дар мансаб аз_______________________________________ кор мекунад
(рӯз, моҳ, сол)

Собиқаи умумии меҳнатӣ___________собиқаи хизмати давлатӣ__________
Таҳсилот____________________________________________________________
(кай ва кадом муассисаи таълимиро хатм кардааст, ихтисос)

______________________________________________________________________

Рутбаи тахассусӣ, санаи додани он______________________________
Ҷазои интизомии бардоштанашуда_________________________________
(намуди ҷазо, кай ва аз тарафи кӣ дода шудааст)

Бо аттестатсияшаванда оид ба масъалаҳои зерин дар шакли саволу ҷавоб суҳбат доир гардид:

______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________

___________________________________________________________________
___________________________________________________________________
___________________________________________________________________
___________________________________________________________________
___________________________________________________________________
___________________________________________________________________
_____________________________________________________

Натиҷаи аттестатсияи хизматчии давлатии маъмурӣ

Баҳои умумии миёнаи фаъолияти хизматчии давлатии маъмурӣ________

Хулосаи комиссияи аттестатсионӣ_________________________________
___________________________________________________________________
___________________________________________________________________
___________________________________________________________________

Тавсияи комиссияи аттестатсионӣ_________________________________
___________________________________________________________________
___________________________________________________________________
